Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (734067, ш. Душанбе, кучаи Наҳимов, 64/14

**ТАҚРИЗИ**

муқарризи расмӣ, номзади илмҳои иқтисодӣ, и.в. дотсенти кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ, таҳлил ва аудити Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ Ойматов Бахтиёр Шораҳматович ба диссертатсияи Султонов Абдураҳмон Неъмонович дар мавзӯи "Баланд бардоштани самаранокии равандҳои сармоягузорӣ ба соҳаи хизматрасониҳои таҳсилоти олии касбӣ дар Тоҷикистон", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.05.02- (хизматрасонӣ дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт) пешниҳод шудааст.

1. Муҳимияти мавзӯи диссертатсия

Таҳқиқоти диссертатсионии Султонов Абдураҳмон Неъмонович, ки ба мавзӯи "Баланд бардоштани самаранокии равандҳои сармоягузорӣ ба соҳаи хизматрасониҳои таҳсилоти олии касбӣ дар Тоҷикистон" бахшида шудааст, яке аз мавзуҳои мубрам ва саривақтии муносибатҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ ба ҳисоб меравад. Дар шароити имрӯзаи иқтисодиёти бозорӣ ва гузариши иқтисодиёти мамлакатамон ба иқтисоди рақамӣ баланд бардоштани самаранокии равандҳои сармоягузорӣ ба соҳаи хизматрасониҳои таҳсилоти олии касбӣ яке аз омилҳои асосӣ ва муҳими расидан ба ҳадафҳои стартегии давлат ва баланд бардоштани сифати таҳсилот дар муассисаҳои олии касбӣ ба шумор меравад. Аз ин лиҳоз, баланд бардоштани самаранокии равандҳои сармоягузорӣ ба соҳаи хизматрасониҳои таҳсилоти олии касбӣ дар соҳаи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ яке мавзуҳои зарури ва актуалии соҳа ба ҳисоб меравад.

Тавре ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон зимни Паёми худ дар таърихи 28.12.2024 сол ба Маҷлиси Олии кишвар қайд карданд, ки Ҳукумати мамлакат бо истифода аз ҳамаи захираву имкониятҳои мавҷуда ҷиҳати мунтазам беҳтар гардонидани шароити зиндагии мардум нақшаҳои бузурги созандагиро роҳандозӣ карда истодааст.

Соли 2024-ум ҳаҷми маҷмуи маҳсулоти дохилии кишвар ба беш аз 150 миллиард сомонӣ ва суръати рушди воқеии он ба 8,4

фоиз расонида шуд.Қобили зикр аст, ки дар панҷ соли охир суръати рушди иқтисоди миллӣ ба ҳисоби миёна 7,7 фоизро ташкил дод. Ҷиҳати рушди иқтисодиву иҷтимоии кишвар ва амалисозии лоиҳаҳои афзалиятноки сармоягузории давлатӣ, инчунин, татбиқи нақшаву барномаҳои миллӣ, соҳавӣ ва маҳаллӣ дар панҷ соли охир аз ҳисоби буҷети давлат ва сармояи дохиливу хориҷӣ зиёда аз 197 миллиард сомонӣ равона карда шудааст. Дар доираи нақшаи зикргардида дар се соли охир дар мамлакат беш аз 1500 иншооти соҳаи маориф, яъне муассисаҳои томактабӣ ва таҳсилоти миёнаи умумӣ, 660 иншооти соҳаи тандурустӣ, 480 иншооти варзиш, 175 иншооти фарҳангу фароғат ва ҳазорҳо иншооти дигари истеҳсоливу иҷтимоӣ бунёд ва ба истифода дода шуданд.

Ҳамзамон ба ин ба Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ супориш доданд, ки дар ҳамкорӣ бо вазорату идораҳои соҳавӣ бо зикри маълумоти мушаххасу дақиқ оид ба захираву имкониятҳои мавҷуда, соҳаҳои афзалиятнок ва самтҳои асосии беҳтар намудани фазои сармоягузории кишвар дар муҳлати се моҳ Стратегияи ҷалби сармояро барои давраи то соли 2040 таҳия намуда пешниҳод намоянд. Қобили зикр аст, ки дар натиҷаи дастгириҳои пайвастаи давлат ва Ҳукумати мамлакат солҳои охир аз ҷониби соҳибкорону сармоягузорон бунёди иншооти таъиноти иқтисодиву иҷтимоӣ вусъат ёфта истодааст.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то имрӯз оиди мавзӯи «Баланд бардоштани самаранокии равандҳои сармоягузорӣ ба соҳаи хизматрасониҳои таҳсилоти олии касбӣ дар Тоҷикистон» таҳқиқоти пурра гузаронида нашудааст, ки боиси ҷалбӣ сармоягузориҳо дар самти хизматрасониҳои иҷтимоӣ гардида бошад, дар ин замина муҳимияти мавзуи таҳқиқшаванда ва арзиши илмии он асоснок карда шавад.

## 2. Сохтори диссертатсия ва мазмуну мундариҷаи он

Сохтор ва ҳаҷми диссертатсияи тақризшаванда ҳадаф ва вазифаҳои дар нақшаи кор овардашударо муайян менамояд.

Дар муқаддима мубрамии мавзуи таҳқиқот, дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва мавзуҳои илмӣ, мақсади таҳқиқот, вазифаҳои таҳқиқот, объекти таҳқиқот, мавзуи таҳқиқот, фарзияҳои таҳқиқот, асосҳои назариявии таҳқиқот, сарчашмаи таҳқиқот, асосҳои методологии таҳқиқот, пойгоҳи таҳқиқот, навгониҳои илмии таҳқиқот, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия оварда шудааст. (С.4-12).

Дар боби якуми диссертатсия «Асосҳои назариявии таҳқиқи самаранокии сармоягузорӣ ба соҳаи хизматрасониҳои таҳсилоти олии касбӣ», моҳияти иқтисодӣ, сарчашмаҳо ва сохтори сармоягузориҳо, нақши хизматрасониҳои соҳаи таҳсилоти олии касбӣ дар рушди иҷтимоӣ-иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, сармоягузорӣ ба соҳаи хизматрасониҳои таҳсилоти олӣ, сарчашмаҳо ва усулҳои муайянкунии самаранокии онҳо мавриди омӯзиш қарор дода шудааст. (С.13-48).

Дар натиҷаи таҳқиқ муҳақиқ тавонистааст муҳимтарин маънидоди сармоягузориро мавриди омӯзиш қарор дода ва дар ҷадвали 1.1 овардааст (С. 15-16). Дар натиҷаи таҳқиқи анҷомида таърифи муаллифии сармоягузорӣ пешниҳод гардидааст, ки дорои чунин мазмун мебошад: сармоягузорӣ маҷмӯи арзишҳои пулӣ, молӣ ва зеҳниро дар худ нишон дода, дар тадбиқи барномаҳо ва лоиҳаҳои истеҳсолӣ, тиҷоратӣ иҷтимоӣ, илмӣ, фарҳангӣ бо мақсади афзун намудани сармояи ҳақиқии ҷомеа ва самаранокии истифодаи он гузошта шуда, дорои натиҷаи афзудани фоидаи (даромад) субъектҳои иқтисодӣ ва ё бадастории самараи мусбии иҷтимоиву экологӣ мебошад (С.31).

Дар таҳқиқот дуруст қайд шудааст, ки соҳаи хизматрасониҳои таҳсилоти олии касбӣ ба муҳимтарин омили таъмини рақобатпазирии иқтисодиёт ва беҳбудии сатҳи зисти аҳолӣ дохил карда мешавад (С.32).

Дар боби дуюми диссертатсия «Таҳлил ва баҳодиҳии самаранокии сармоягузори ба соҳаи хизматрасониҳои таҳсилоти олии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», баҳодиҳии фондҳои асосӣ ва вазъи маблағгузории таҳсилоти олии касбӣ, таҳлили ҷолибияти сармоягузорӣ ба соҳаи таҳсилоти олии касби дар мамлакат, таҳлили самаранокии равандҳои сармоягузорӣ ба соҳаи хизматрасониҳои таҳсилоти олӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.(С. 68-118).

Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ ба сифати муҳимтраин натиҷаи самаранокии сармоягузорӣ ба хизматрасониҳои соҳаи таҳсилоти олии касбии мамлакат сатҳи музди меҳнат нишон дода шудааст (С. 113). Дар раванди таҳқиқ муҳақиқ модели рушди ташкили сармояи инсониро низ таҳия намудааст (С. 114).

Муаллиф тавонистааст, ки вобастагии маблағгузориҳо ба хизматрасониҳои соҳаи таҳсилоти олии касбӣ ва ММД-ро бо усули регрессионӣ-корреллатсионӣ ҳисоб намояд (С. 116).

Ба андешаи муаллиф дар солҳои охир вобаста аз ҷараёни таҳқиқот таваҷҷӯҳи ҷавонон ба соҳаи хизматрасониҳои таҳсилоти олии касбӣ дар мамлакат коста гардидааст, ки муҳимтарин сабаби ин норасогии музди меҳнат дар соҳаҳои ҳаётан муҳими ҷомеаи имрӯза мебошад. Вобаста ба

ин пешниҳод шудааст, ки низоми музди меҳнат бояд ба таври ҷиддӣ ислоҳ карда шавад (С. 118)

Дар боби сеюми диссертатсия «Роҳҳои баланд бардоштани самаранок истифодабарии сармоягузориҳо дар соҳаи хизматрасониҳои таҳсилоти олии касбӣ», ҷолибнокӣ ва самаранок истифодабарии сармоягузориҳои хусусӣ дар соҳаи хизматрасониҳои таҳсилоти олии касбӣ, афзуннамоии самаранокии истифодабарии воситаҳои буҷетӣ дар соҳаи хизматрасониҳои таҳсилоти олии касбӣ, диверсификатсия сохтори хароҷот дар соҳаи хизматрасониҳои таҳсилоти олии касбӣ мавриди пажуҳиш қарор гирифтааст. (С.119-145).

Муҳақиқ дар асоси омӯзиши таҷрибаи давлатҳои пешрафта исбот намудааст, ки муҳимтарин омили пешрафти хизматрасониҳои соҳаи таҳсилоти олии касбӣ дар мамлакат ислоҳоти механизми ташкилӣ – иқтисодӣ ба ҳисоб меравад (С. 120). Дар таҳқиқи рисолаи диссертатсионӣ модели раванди пайдоиши сармояи хусуӣ ба соҳаи таҳсилоти олии касбӣ аз ҷониби муаллиф таҳия гардидааст (С. 122).

Ба андешаи муҳақиқ ба муҳимтарин захираҳои баланд бардоштани самараонкии ба вуҷуд овардани таҳсилот, ки алоқамандӣ ба ҷараёни буҷетӣ доранд ин афзун гардонидани натиҷанокии хароҷоти буҷет ба соҳаи таҳсилоти олии касбӣ мебошад (С. 138).

Дар хулоса ва пешниҳодот натиҷаҳои таҳқиқотии диссертатсия ва тавсияҳои хусусияти назариявӣ ва амалидошта, нишон дода шудааст (С.146-151).

### 3. Дараҷаи асоснокии дастовардҳои илмӣ ва хулосаву пешниҳодҳои дар диссертатсия овардашуда

Дар ҷараёни таҳқиқи диссертатсия муаллиф оиди масъалаи баланд бардоштани самаранокии равандҳои сармоягузорӣ ба соҳаи хизматрасониҳои таҳсилоти олии касбӣ дар Тоҷикистон аз адабиёти илмии ватанию хориҷӣ ба таври васеъ истифода кардаааст. Дар ҷараёни таҳқиқот муаллиф аз усулҳои таҳлили диалектикӣ ва системавӣ, усулҳои абстраксия ва муқоисаи илмӣ, таҳлили иқтисодӣ ва математикӣ, усулҳои коркарди маълумотҳои оморӣ, усули эктрополиятсионӣ, моделсозӣ ва ғайра истифода кардааст.

Заминаҳои базавию иттилоотии мавзуи мазкур аз Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои охир, Агентии омори назди президенти Ҷумҳурии Тоҷикстон, ҳисоботҳои Вазоратҳои маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати молия, Бонки миллӣ, институтҳои байналхалқии молиявӣ, хулосаҳои институтҳои давлатӣ, таҳқиқотҳои муҳақиқини ватанию хориҷӣ барномаҳои давлатӣ, санадҳои

меъёрию ҳуқуқӣ, консепсияҳо, инчунин маводҳои электорнӣ ва ғайра сарчашма мегирад, истифода намудааст.

Аз рӯи таҳлилҳои дар диссертатсия овардашуда маълум мегардад, ки диссертант доир ба мавзуи таҳқиқотӣ аз адабиёти илмӣ хеле васеъ истифода карда, мустақилона маълумотҳои омориро ҷамъоварӣ карда дар диссертатсия мавриди таҳлил ва инъикос қарор додаст.

**4. Саҳеҳӣ, навгониҳои таҳқиқот ва натиҷаҳои бадастомада**

Навгониҳои илмии диссертатсияи тақризшаванда аз муайян намудани тамоюл ва хусусиятҳои сармоягузорӣ ба соҳаи хизматрасониҳои таълимӣ ва коркарди минбаъдаи масъалаҳои назариявӣ ва методологии ҷалб ва баланд бардоштани нақши сарчашмаҳои гуногуни маблағгузори барои тахмини сифати тайёр кардани мутахассисон ва бо ин васила таъмини рушди иқтисодиёти кишвар баҳисоб меравад.

Дастовардҳои илмии муҳиме, ки муаллиф мустақиман ба онҳо ноил гардидааст, инҳо мебошанд:

1. бори аввал моҳияти равандҳои сармоягузори дар соҳаи ТОК Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти тамоми мушкилот ва хусусиятҳои хосашон, ки яке аз муҳимтарин масъалаи пешрафти ин соҳа дониста мешавад мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст;

2. асоснок кардааст, ки барои мувозинати рушди иқтисодиёти мамлакат истифодаи самараноки сармоягузориҳои ба низоми хизматрасониҳои ТОК равонагардида хело зарур дониста мешавад;

3. хусусиятҳои хоси сармоягузориҳо ба низоми ТОК Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити нави иҷтимои иқтисодии дар асоси таҳлили таҷрибаи давлатҳои пешрафта муайян карда шуда модели сарчашмаҳои асосии сармоягузори ба соҳаи ТОК таҳия гардидааст;

4. аввалин маротиба илман асоснок кунии самаранокии сармоягузориҳо дар соҳаи таҳсилоти олии касбӣ вобаста аз маълумотҳои мавҷуда бо истифодаи меъёрҳои муосир мавриди омузиш қарор дода шудааст;

5. омилҳои асосие, ки ба самаранокии низоми сармоягузориҳои ТОК дар шароити норасоии сарчашмаҳои буҷетӣ таъсир мерасонанд муайян карда шудааст;

6.илман асоснок кардани диверсификатсияи сохтори хароҷотҳои соҳаи ТОК дар шароити дигаргуншавии иқтисодиёт мавриди омӯзиш қарор дода шудааст.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ**

Дар маҷмуъ гуфтан ба маврид аст, ки мазмун, мундариҷа, навгониҳои илмӣ, пешниҳоду хулосаҳои диссертатсияи мазкур ба бандҳои зерини шиносномаи феҳристи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи ихтисоси 08.00.05.02- Хизматрасонӣ дар соҳаи илм, маориф ва иҷтимоиёт» 8. Баланд бардоштани самарнокии истифодаи афзорҳои бозорӣ дар соҳаи хизматрасонӣ дар соҳаҳои илм маориф иҷтимоиёт; 11. Арзиши аслии молҳо ва хизматрасониҳо дар соҳаи илм, маориф ва иҷтимоиёт; 12 методология ва афзорҳои муайян намудани нарх ба маҳсулот ва хизматрасониҳои илмӣ, таҳсилоти ва иҷтимоӣ; 16 таҳкими иқтидори иқтисодиву иҷтимоии хизматрасониҳо дар соҳаи илм, маориф ва иҷтимоиёт 18. Маблағгузории бахши хизмарсони дар соҳаи илм, маориф ва иҷтимоиёт бо субъектҳои дигари иқтисодиёт мувофиқат мекунад.

**Муҳимияти хулосаву пешниҳодҳо ва имконияти истифодаи онҳо дар илм ва амалия**

Аҳамияти назариявии таҳқиқот хулосабандиҳо ва тавсияҳое, ки ҳангоми таҳқиқ ба даст оварда шудааст метавон барои баланд бардоштани босамарии равандҳои сармоягузори дар самти хизматрасониҳои гуногуни МТОК новобаста аз шакли моликияташон истифода намуд.

Аҳамияти амалии диссертатсия дар он аст, ки хулосаву пешниҳодҳои дар раванди таҳқиқот бадастомадаро мақомотҳои дахлдори давлатӣ метавонад дар амалия татбиқ намоянд, ки ба рушди сармогузориҳо дар соҳаи илм, маориф ва иҷтимоиёт бурда мерасонад.

Ҳангоми шиносоӣ бо мазмуну муҳтавои диссертатсияи тақризшаванда маълум мегардад, ки муаллиф мустақилона ба дастрасии натиҷаҳои илмӣ ва коркарди назарияҳо оиди баланд бардоштани самаранокии равандҳои сармоягузорӣ дар соҳаи хизматрасониҳои ТОК дар Тоҷикистон саҳми бориз гузоштааст.

## 5. Тасдиқи ифодаи натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар нашриёҳои илмӣ

Оиди мавзӯи диссертатсия аз ҷониби муаллиф 8 мақола, дар ҳаҷми 2,87 ҷузъи чопӣ, аз ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи аз тарафи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон эътирофшуда нашр гардидаанд.

## 6. Арзёбии моҳияти диссертатсия, сатҳи комилии он, эродҳо доир ба шаклгирии диссертатсия

Дар диссертатсияи таҳқиқшаванда ба назари муқарриз баъзе носаҳеҳиҳо мавҷуд аст, ки дар умум сифати илмии корро коста мегардонад, аз ҷумла:

1. асосҳои назариявии баланд бардоштани самаранокии равандҳои сармоягузорӣ ба соҳаи хизматрасониҳои таҳсилоти олии касбӣ дар Тоҷикистон камтар мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст, хуб мешуд агар аз асарҳои олимони ватанӣ васеътар истифода карда мешуд;

2. дар муқаддимаи диссертатсия номи на ҳаммаи олимони ватание, ки дар самти диссертатсия кор кардаанд оварда шудааст хусусан номи муқарризони расмӣ ҳато дар феҳристи адабиёт низ ин чиз дида намешавад.

3. дар боби якуми диссертация хуб мешуд агар диссертант таърифи баланд бардоштани самаранокии равандҳои сармоягузорӣ ба соҳаи хизматрасониҳои таҳсилоти олии касбӣ дар Тоҷикистон аз нуқтаи назари шахсии худ ба таври мукаммал пешниҳод мекард;

4. дар қисмати назариявии диссертатсия хуб мешуд агар диссертант аз расмҳо ва ҷадвалҳо бештар истифода мекард зеро дар боби аввали диссертатсия ин чизҳо қариб, ки дида намешавад;

5. хулосаи диссертатсия хеле дар ҳаҷми кам оварда шудааст, хуб мешуд агар муаллиф аз мазмуну муҳтавои илмӣ, ки дар диссертатсия оварда шудаат, васеъ истифода карда, хулосаи корро мукаммал гардонад;

6. дар диссертатсия баъзе хатогиҳои имлоӣ ҷой доранд.

Дар умум эродҳои зикргардида, сатҳи илмии таҳқиқоти диссертатсиониро кам намекунад. Инчунин бояд қайд кард, ки диссертатсияи таълифнамудаи Султонов Абдураҳмон Неъмонович таҳқиқоти комил ва баанҷомрасида, маҳсуб ёфта, диссертатсия аҳамияти назариявию амалӣ дошта ва дар он мустақилияти муаллиф назаррас аст.

**8. Мутобиқати мазмуни автореферат бо мазмуни диссертатсия**

Автореферати диссертатсияи мазкур мазмуну мундариҷаи асосии таҳқиқоти диссертатсиониро дар худ таҷассум намуда, дар он навгониҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, ҷойгир карда шудааст.

**9. Баҳои умумии мутобиқати рисола ба талаботҳои муқаррарнамудаи КОА –и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Диссертатсияи Султонов Абдураҳмон Неъмонович дар мавзуи "Баланд бардоштани самаранокии равандҳои сармоягузорӣ ба соҳаи хизматрасониҳои таҳсилоти олии касбӣ дар Тоҷикистон", навишта шудааст, таҳқиқоти илмии анҷомёфта буда, ҷавобгӯ ба талаботҳои низомномаи Комиссияи олиии аттестатсионии назди Президенти

Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таълифи рисолаҳои илмӣ мебошад. Аз ин лиҳоз, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.05.02- (хизматрасони дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт) мебошад.

**Муқарризи расмӣ, номзади илмҳои иқтисодӣ, и.в. дотсенти кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ, таҳлил ва аудити Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ** **Ойматов Б.Ш.**

**Имзои Ойматов Б.Ш.-ро тасдиқ менамоям:**
**Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДДОТ ба номи С. Айнӣ** **Мустафозода А.**